**ХУЛОСАИ**
**ниҳоии шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 29 июни соли 2023, таҳти №38**

Барои сазовор донистани Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. - Фалсафаи иҷтимоӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон», аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. - Фалсафаи иҷтимоӣ, дар таърихи 20 - уми апрели соли 2023, суратҷаласаи №31 аз ҷониби Шурои диссертатсионӣ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2022 таҳти №38) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна, соли таваллудаш 1984, соли 2007 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси “Фалсафа”, аз рӯйи ихтисоси “Файласуф-муаллим” ва соли 2011 шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айниро хатм намудааст.

Аз соли 2007 то соли 2014 дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар вазифаҳои мудири кабинет ва ассистенти кафедра фаъолият намуда, аз соли 2014 то 2022 муаллимаи кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва аз соли 2023 то имрӯз муалимаи кафедраи фанҳои ҷаъмиятшиносии “Коллеҷи тиббӣ”- и шаҳри Панҷакент мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Самиев Бобо Ҷураевич - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Усмонзода Хайриддин Усмон** - доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Абилзода Гуландом Сардор -** номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент Илчибекова М.О. омода карда шуда, аз ҷониби мудири кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи мазкур номзади илмҳои

педагогӣ Ҳайдаров А.А, ба имзо расида ва аз тарафи ректори ҳамин донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенет Асрорзода У. тасдиқ шудааст, қайд карда мешавад, ки диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи «Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимой-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон” ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқат карда, муаллифи он Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимой мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар он чиз ба асос гирифта шудааст, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. - Фалсафаи иҷтимой дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Бердиёрова Г.И. алоқамандии зич доранд.

Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна оид ба мавзуи диссертатсия 5 маводи илмӣ таҳия намудааст, ки онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

Муҳимтарин интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1.Бердиёрова Г.И. Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккулёбии муколамаи фарқангҳо // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. ISSN 2710-4672, 2021. - №2(2). - С. 109-113;

2.Бердиёрова Г.И Саҳми тоҷикон дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ ва ташаккули муколамаи фарҳангҳо // Паёми Донишгоҳи омузгорӣ. ISSN 2707-9996, 2022.- №1. - С. 140-145;

3.Бердиёрова Г.И Нақш ва ҷойгоҳи Тоҷикистон дар таърихи гуфтугӯи фарҳангҳо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2707-9996, 2022. - №2. - С.164-171;

4.Бердиёрова Г.И Нақши муколамаи фарҳангҳо дар эҷод ва ҳифзи сулҳ дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2074-1847, 2022.- №8.- С.173-179;

5.Бердиёрова Г.И Рисолати фарҳангофарӣ ва андешаи таҳаммулгароии тоҷикон дар ташаккул ва тавсеаи муколамаи фарҳангҳо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2074-1847, 2023.- №3.- С. 138-145.(дар ҳаммуалифи бо Б. Ҷ.Самиев)

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:

Қаҳҳоров Ғ.Ғ. - доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ.

Атоев А. – доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғаффуров.

Ҷумахонов И. – номзади илмҳои фалсафа, и.в.дотсенти кафедраи фанҳои умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ.

Раҳматов У. – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграри Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферат воридшуда мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳои ҷузъӣ ва хусусияти тавсиявидошта пешниҳод карда шудааст.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- **коркард карда шуд,** *ки* бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, микдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисола мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд;

Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои амалӣ барои дарки моҳияти назарияи гуфтугӯи тамаддунҳо, муайян кардани накш ва ҷойгоҳи тоҷикон дар тавсеаи муколамаи фарҳангҳо, накши гуфтугӯи тамаддунҳо дар эҷоди сулҳи тоҷикон, пешгирӣ аз зуҳури ҳаракатҳои ифротӣ ва террористӣ ва ғайра барои пажӯҳишгарон, низоъшиносон аҳамияти назарӣ ва амалӣ доранд;

- **пешниҳод шудааст,** ки рушди ҳаёти муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар контексти ҷаҳонишавӣ тавассути диалектикаи глобалӣ ва маҳаллӣ, дифференсиалӣ ва интегралӣ, қонунӣ ва маргиналӣ пешниҳод карда мешавад;

- **исбот шудааст,** ки муколама роҳи барқароршавии ваҳдати маънавӣ дар сатҳи байнишахсӣ ва фарҳангӣ мебошад ва дар шароити ҷаҳонишавӣ муколамаи фарҳангҳо омили пешбарандаи ҳифзи якпорчагии фазои фарҳангӣ мебошад. Дар ташаккул ва тавсеаи гуфтугӯи тамаддунҳо ба сифати сарчашмаи назариявӣ ва амалӣ осори насрию назмӣ ва фалсафии тамоили ахлоқӣ ва инсоншиносӣ доштаи мутафаккирони тоҷику форс оид ба пайдоиши олам, низоми коинот, ҳикмати давлатдорӣ ва оиладорӣ хизмат карданд;

- **ҷорӣ намудани** асосҳои илмӣ-методологии масъалаи муколамаи фарҳангҳо, накш ва ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавсеа ва таҳкими он пешниҳод карда мешавад. Муколама роҳи барқароршавии ваҳдати маънавӣ дар сатҳи байнишахсӣ ва фарҳангӣ мебошад ва дар шароити ҷаҳонишавӣ муколамаи фарҳангҳо омили пешбарандаи ҳифзи якпорчагии фазои фарҳангӣ мебошад;

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои амалӣ барои дарки моҳияти назарияи гуфтугӯи тамаддунҳо, муайян кардани накш ва

ҷойгоҳи тоҷикон дар тавсеаи муколамаи фарҳангҳо, нақши гуфтугӯи тамаддунҳо дар эҷоди сулҳи тоҷикон, пешгирӣ аз зуҳури ҳаракатҳои ифротӣ ва террористӣ ва ғайра барои пажӯҳишгарон, низоъшиносон аҳамит доранд.

Вобаста ба масъалагузорӣ дар диссертатсия ҷой доштани маҷмуи принсипҳо ва муносибатҳо, усулҳои таҳқиқотии фалсафӣ ва мантиқии маърифат ва дақиқ кардани масъалаҳои матраҳшуда, аз ҷумла, методи таҳқиқотии таърихӣ, фалсафӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ-таҳлилӣ, герменевтикӣ, низомнокӣ, муносибати байнифаннӣ, ки бо соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ иртибот дорад *истифода бурданд;*

**баён шудани** муколама ҳамчун роҳи барқароршавии вахдати маънавӣ дар сатҳи байнишахсӣ ва фарҳангӣ мебошад ва дар шароити ҷаҳонишавӣ муколамаи фарҳангҳо омили пешбарандаи ҳифзи якпорчагии фазои фарҳангӣ мебошад;

**ошкор гардидани** принсипи дунявият, ки дар низоми идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус дорад, хилофи дин, коҳиш додани фаъолияти ҳама гуна ниҳодҳои динӣ дар ҷомеа нест, балки як модели муосири идоракунӣ мебошад;

**омухта шуданд,** ки муколамаи фарҳангҳо (ё табодули иттилоот) барои ҷомеаи муосир падидаи нав нест. Он аз саргаҳи пайдоиши фарҳангу тамаддуни инсонӣ ва таъсиси марказҳои аввалини илмӣ-фарҳангӣ, вуҷуд доштааст. Зеро, аз ибтидои пайдоиши инсон, ки раванди фаъолияти меҳнатии ӯ баёни андеша, муомила ва машваратро талаб мекард барои ихтирои навиштаҷот роҳ кушод ва забон ҳамчун воситаи муоширати байниҳамдигарии одамон ба вуҷуд омад;.

**Аҳаммияти натиҷаҳои ба дастовардаи** довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқарраროти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисола мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ пешниҳод карда шудаанд;

**муайян карда шуданд,** ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба кормандони идораҳои давлатӣ, низоъшиносон, коршиносони соҳавӣ дар раванди ҳалли масъалаҳо, дар асоси риояи принсипҳои муколамаи фарҳангҳо мавриди истифода қарор гиранд;

**муаррифӣ карда шуд,** ки асосҳои илмӣ-методологии масъалаи муколамаи фарҳангҳо, инчунин, ҷустуҷӯ кардани сарчашмаҳои ғоявӣ, ки барои ташаккул ва тавсеаи муколамаи фарҳангҳо таъсири назариявӣ ва амалӣ расониданд, муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавсеа ва таҳкими муколамаи фарҳангҳо дар сатҳи зарурӣ омухта нашудааст;

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ: иштироки бевосита кардан дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети тадқиқот, мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва таҳлилу тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ маҳсуб мешаванд.

Ҷаласаи шурои диссертатсионӣ 29 июни соли 2023 қарори сазовор донистани Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. – Фалсафаи иҷтимоӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шӯро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**

**29.06.2023 с.**